ШАРИФИ МУҲАММАДЁР

# БАҲСИ ҲАРФҲОИ «АЛИФБО»



**УДК 81тоҷик-н+821-93+821**
**ББК 81.2тоҷик-н+83тоҷик7-4+83,8**
**Ш-30**

**Ш-30.** Шарифи Муҳаммадёр. **Баҳси ҳарфҳои «Алифбо».** Душанбе, Маориф, 2019. 12 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-587-9**
**©Маориф, 2019**




Буд, набуд, китоби «Алифбо»-и зебо ва рангоранге буд. Дар саҳифаҳои он ҳарфҳои зиёде буданд. Ҳар гоҳе китобро мекушоданд, аввалин шуда ҳарфи “А” садо мебаровард.

– Ман ҳарфи аввалини  китобам. Аз дигар ҳарфҳо ба куллӣ фарқ мекунам. Дар калимаю ибора ва ҷумла мавқеи худро дорам. Бе ман китоби “Алифбо” маъно надорад.




– Ҳой ҳарфи “А”, чӣ ин қадар худро таъриф мекунӣ? Ман ҳам дар қатори дигар ҳарфҳо зарурам. Агар ман набошам, чӣ гуна калимаҳои “бобо”, “борон”, “бодом”, “бародар”-ро талаффуз мекунӣ?– овоз баланд кард ҳарфи “Б”.




– Ҳамсояҳо, ба ман ҳам гӯш кунед, – аз суханони ҳарфҳои “А” ва “Б” ранҷида ба гап даромад ҳарфи “В”.

– Канӣ калимаи “Ватан”-ро дар тахта нависед ё талаффуз кунед. Наметавонед. Зеро бе ман ин калима навишта намешавад.




Ҳарфҳо бо якдигар муросо намекарданд. Ҳар рӯз баҳси онҳо давом мекард. Аз чунин муносибати ҳарфҳо китоби “Алифбо” ғамгин мешуд. Чандин маротиба онҳоро насиҳат кард, лекин ҳарфҳо аз ман-манӣ намемонданд.




Рӯзе китоби “Алифбо” ҳамаи ҳарфҳоро ҷамъ карда гуфт:

– Ҳарфҳо, гӯш кунед. Ҳар яки шуморо  ман дар саҳифаҳоям ҷой додаам. Гарчанде шумо бо тартиб пасу пеш ҷойгир шудаед, лекин дар назди ман шумо баробаред. Шумо бе мадади якдигар зиндагӣ карда наметавонед. Зеро чун  гӯшту нохун ба ҳамдигар заруред.




– Мо баробар нестем, ман сархати алифбоям,– садо баланд кард ҳарфи “А”.

– Тартиб ё дар саф истодан маънои онро надорад, ки қадри яке баланду дигаре паст бошад. Гӯш кун, ҳарфи “А”, канӣ калимаҳои “ватан”, “модар” ва “мактаб”-ро бе ҳарфҳои дигар навис, – гуфт китоби “Алифбо”.




Ҳарфи “А” лаҳзае фикр карду ноилоҷ ба ҳарфҳои “М”, “Д”, “Р”, “О”, “К”, “Т”, “Н” ва “Б” муроҷиат кард. Онҳо назди  ҳарфи “А” омаданд. Дар тахта калимаҳои “Ватан”, “Модар” ва “Мактаб” пайдо шуд.



Ҳамаи ҳарфҳо лаҳзае хомӯш монданд. Онҳо фаҳмиданд, ки дар алоҳидагӣ маъное надоранд. Бо таклифи ҳарфи “А” даст ба даст гирифта, гирди китоби “Алифбо” ҳалқа шуда, садо баланд карданд:

– Модарҷон, мо ҳама фарзандони туем. Дигар бо ҳамдигар баҳс намекунем. Аҳлона зиндагӣ мекунем.

– Офарин, ҳарфҳои азизи ман. Дар саҳифаҳои ман ҳар кадоми шумо ҷойи худро доред. Мақому эътибори шумо назди ман баробар аст. Ман шуморо дӯст медорам. Шумо ҳамдигарро дӯст доред ва эҳтиром кунед – гуфт китоби “Алифбо”.

**ШАРИФИ МУҲАММАДЁР**

**БАҲСИ ҲАРФҲОИ «АЛИФБО»**

Муҳаррир Н. Салоҳиддинзода
Мусаҳҳеҳ М. Саидова
Муҳаррири техникӣ З. Саъдуллоев
Рассом З. Давлатшоева
Тарроҳ М. Ҷунайдзода

Муаллифи китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба Рушди байналмилалӣ (USAID) ва Фонди Оғохон барои дастгирии молиявиашон дар нашри ин китоб миннатдории худро изҳор менамояд. Китоби мазкур дар доираи лоиҳаи «Робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: сохтори молиявӣ барои рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон» ба нашр расидааст.

Ба чоп 12. 09. 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 1,5. Адади нашр 7900 нусха.
Супориши № 130/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66 E-mail: najmiddin64@mail. ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет» ба табъ расидааст.

97 89994 71587 9

МАОРИФ